# ФАРМОИШИ
# ВАЗИРИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

аз « 2 5» апрели соли 2022 №522 ш. Душанбе

Дар бораи Тартиби гузаронидани озмун (олимпиада)-и ҷумҳуриявӣ миёни донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон

170.040.060.

Мутобиқи сархати бисту нуҳуми банди 8 Низомномаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2014, №145 ва сархати даҳуми банди 160 Низомномаи намунавии муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 июни соли 2018, №306 тасдиқ шудааст,

ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Тартиби гузаронидани озмун (олимпиада)-и ҷумҳуриявӣ миёни донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шавад (замима мегардад).
2. Фармоиши мазкур барои бақайдгирии давлатӣ ба Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардида, пас аз бақайдгирии давлатӣ ва интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.
3. Раёсати таҳсилоти олии касбӣ ва баъдидипломӣ Тартиби гузаронидани озмун (олимпиада)-и ҷумҳуриявӣ миёни донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба тамоми роҳбарони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дастрас намуда, рафти амалисозии онро зери назорат қарор диҳад.
4. Ректорон (директорон)-и муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ тартиби гузаронидани озмун (олимпиада)-и ҷумҳуриявии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистонро тибқи Тартиби мазкур ба роҳ монанд.
5. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон – сарпарасти соҳа гузошта шавад.

Вазир Раҳим Саидзода

Замима
ба фармоиши вазири маориф
ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз « 25 » апрели соли 2022, №522

Вазорати адлияи Ҷумҳурии
Тоҷикистон аз 10 майи соли
2022, №1161 ба қайди давлати
гирифта шуд.

# Тартиби
# гузаронидани озмун (олимпиада)-и ҷумҳуриявӣ миёни донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Тартиби гузаронидани озмун (олимпиада)-и ҷумҳуриявӣ миёни донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – Тартиб) мутобиқи сархати бисту нуҳуми банди 8 Низомномаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти 2014, №145 тасдиқ шудааст, таҳия ва қабул гардида, тартиби гузаронидани озмун (олимпиада)-и ҷумҳуриявиро дар зинаи таҳсилоти олии касбӣ (минбаъд – Озмун) муайян менамояд.

2. Озмун аз рӯи равияи фанҳои таълимии зерин, ки омӯзиши онҳо дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар асоси нақшаҳои таълим ба роҳ монда шудааст, гузаронида мешавад:

1) равияи фанҳои гуманитарӣ, иқтисодию иҷтимоӣ:

-забон ва адабиёти тоҷик;
-забони англисӣ;
-забони русӣ;
-таърихи халқи тоҷик;
-фалсафа;
-сиёсатшиносӣ;
-педагогикаи умумӣ.
-назарияи иқтисодӣ.

2) равияи фанҳои табиатшиносию риёзӣ:

-математика;
-физика;
-химия;
-информатика;
-биология-экология;
-географияи иқтисодии Тоҷикистон бо асосҳои демография.

3. Озмун бо мақсади муайян намудани донишҳои энсиклопедии фаннӣ, роҳу усулҳои беҳтар намудани раванди таълим, такмили фаъолияти ҷустуҷӯи мустақилонаи донишҷӯён, тайёр намудани мутахассисони баландихтисоси ба талаботи бозори меҳнат ҷавобгӯ, рушди қобилияти эҷодӣ ва фаъолгардонии раванди донишомӯзии толибилмон, дарёфти чеҳраҳои лаёқатманди захираҳои илмию зеҳнӣ ва ба ҳам овардани донишҷӯёни минтақаҳои кишвар гузаронида мешавад.

4. Озмун аз фанҳои таълимӣ аз рӯи равияи фанҳои гуманитарӣ, иқтисодию иҷтимоӣ ва равияи фанҳои табиатшиносию риёзӣ миёни донишҷӯёне, ки рӯйхати онҳо аз ҷониби муассисаи таълимӣ ба Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон барои тасдиқ пешниҳод мегардад, гузаронида мешавад.

5. Озмун дар давоми соли таҳсил дар се давр: даври якум дар факултет (миёни донишҷӯён), даври дуюм дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ (миёни донишҷӯёни факултетҳои муассисаи таълимӣ) ва даври сеюм миёни донишҷӯёни ғолиби даври дуюми муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, ки сана ва макони баргузории онро Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мекунад, гузаронида мешавад.

6. Дар Озмун донишҷӯёни шуъбаи рӯзона мувофиқи равия ва самти ихтисосҳои гуногуни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар новобаста аз тобеияти идоравӣ метавонанд иштирок намоянд.

7. Иштироки донишҷӯён дар Озмун озод буда, метавонанд, мувофиқи самти ихтисос ва ё ғайриихтисос иштирок намояд.

8. Даври якум миёни донишҷӯёни факултет (новобаста аз курс) дар моҳҳои декабр - январ, даври дуюм миёна факултетҳо (миёни донишҷӯёни факултетҳои муассисаи таълимӣ) дар давоми моҳҳои феврал – март гузаронида мешавад.

9. Ташкил ва баргузории даврҳои якум, дуюм ва омода намудани маводи таълимӣ-методӣ доир ба фанҳои озмунӣ ваколати роҳбарияти муассисаи таълимӣ мебошад. Масъулини ин давр ба кумитаи тадорукоти даври сеюми Озмун ба таври расмӣ рӯйхати иштирокчиёнро, ки дар озмуни даври дуюм ғолиб омадаанд, ба даври сеюм то нимаи якуми моҳи май ба Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамоянд.

10. Муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ба даври сеюм аз рӯи фанҳои зикршуда танҳо ҳуқуқи пешниҳоди якнафарӣ донишҷӯро (бо нишон додани ном, насаб ва номи падар, курс, ихтисос) дорад.

11. Иштироки донишҷӯ дар Озмун бо риояи қатъии пешниҳоди ҳуҷҷати тасдиқкунандаи шахсият - шиноснома ё шаҳодатномаи донишҷӯӣ ба роҳ монда мешавад.

12. Воридшавии донишҷӯён ба даври сеюми Озмун то оғоз гардидани кори он иҷозат дода мешавад.

13. Натиҷаи даври сеюми Озмун дар комиссияи фаннӣ баррасӣ гардида, ба кумитаи тадорукот пешниҳод карда мешавад.

## 2. КУМИТАИ ТАДОРУКОТИ ОЗМУН

14. Масъалаи ташкил ва баргузории даври сеюм ба зиммаи кумитаи тадорукоти Озмун вогузошта мешавад. Кумитаи тадорукот аз ҳисоби кормандони масъули Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар асоси фармоиши вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода мешавад.

15. Дар назди кумитаи тадорукот комиссияи ташкилӣ – назоратӣ, методӣ ва аппелятсионӣ таъсис дода мешавад.

16. Комиссияи ташкилӣ – назоратии кумитаи тадорукот масъалаҳои зеринро дида мебарояд:

-таъмини иҷрои муқаррароти Тартиби мазкур;

-тасдиқи саволномаҳои тестӣ, матнҳо ва дигар маводи зарурӣ аз рӯи номгӯи фанҳои таълимӣ, ки дар даври сеюми Озмун истифода мешаванд;

-таҳияи нақша, барнома ва сенарияи гузаронидани даври сеюми Озмун;

-як моҳ қабл аз макон ва замони баргузории даври сеюми Озмун огоҳ намудани муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

-чораандешӣ ҷиҳати таъмини иштирокчиёни даври сеюми Озмун бо ҷойи хоб, фароғату истироҳат ва сайру сайёҳати онҳо дар мувофиқа бо масъули чорабинӣ;

-фориғ аз чорабиниҳои маърифатӣ оростани мулоқоту шабнишиниҳо бо шоиру нависандагон ва олимони намоёни кишвар;

-назорати рафти баргузории даври сеюми Озмун;

-омода намудани «Диплом»-и дараҷаҳои якум, дуюм ва сеюми Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, ифтихорнома ва тухфаҳои хотиравӣ ба ғолибон;

-таҳлил ва ҷамъбасти натиҷаи ҳисоботи комиссияи фаннӣ;

-таҳияи лоиҳаи фармоиши вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҷамъбасти даври сеюми Озмун ва зери назорат қарор додани татбиқи он.

17. Комиссияи методӣ вобаста ба фанҳои таълимии озмунӣ ташкил карда мешавад. Аъзои комиссияи методӣ аз ҳисоби мутахассисони Вазорати маориф ва илм, омӯзгорони соҳибтаҷрибаи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва ё муассисаҳои таълимӣ, илмӣ ва тадқиқотӣ таъсис дода мешавад. Комиссияи методӣ маводи озмунии фанҳои таълимиро дар доираи васеи омӯзиши фан, нақшаю барномаҳои таълимӣ дар шаклҳои гуногун (ё тавассути барномаи махсус) бо теъдоди зиёда аз 500-саволӣ омода намуда, реҷаи махфият ва таъмини бехатарии иттилоотиро нигоҳ медорад.

18. Комиссияи методӣ метавонад маводи озмунии фанҳои таълимиро ҳар сол дар ҳаҷми то 25% тағйир диҳад ва ба Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои коркард пешниҳод намояд.

19. Озмун бо истифода аз технологияи иттилоотӣ (компютер) ва ё ба таври хаттӣ гузаронида мешавад.

## 3. ТАРТИБИ ТАШКИЛ ВА БАРГУЗОРИИ ДАВРИ СЕЮМИ ОЗМУН

20. Ҳайати комиссияи озмунии даври сеюми озмунро Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мувофиқа бо муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ муайян менамояд.

21. Саволномаҳо дар асоси маводи омоданамудаи комиссияи методӣ вобаста ба фанҳои таълимии озмунӣ аз ҷониби Маркази миллии тести назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути барномаи махсус коркард (генератсия) гардида, дар шакли якчанд вариант пешниҳод мешавад.

22. Таҳияи маводи баргузории даври сеюми Озмун мувофиқи талаботи Маркази миллии тестӣ бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ роҳандозӣ мегардад, ба истисноии фанҳои забони русӣ ва англисӣ, ки мувофиқ ба забон омода карда мешаванд.

23. Барои фанҳои забонҳои хориҷӣ, аз ҷумла забони англисӣ Озмун метавонад тавассути барномаҳои тестии TOEFL, LETS, CEFR, TOFIC ва дигар барномаҳо ба роҳ монда шавад.

24. Тибқи тартиби муқарраргардида барои иҷрои ҳалли вазифаҳои гузошташуда ба донишҷӯён вақти муайян ҷудо мегардад (барои ҳалли саволнома ва навиштани иншо (эссе) то се (3) соат). Дар ҳолатҳои дигар вақтро комиссияи такдорукот муайян менамояд. Масъулияти тартиби қабул, супоридан ва рамзгузории варианти саволномаҳо, иншо (эссе) ба зиммаи масъулини кумитаи тадорукот ва аъзои он гузошта мешавад.

25. Комиссияи озмунии фаннӣ натиҷаи кори иҷронамудаи донишҷӯёнро ба таври объективӣ санҷида, натиҷаашро дар шакли варақаи баҳогузорӣ бо имзои коршиноси фаннии масъул ба кумитаи тадорукот пешниҳод менамояд.

## 4. МЕЪЁРИ БАҲОГУЗОРӢ ВА ТАРТИБИ МУАЙЯН НАМУДАНИ ҶОЙҲОИ ИФТИХОРӢ

26. Комиссияи озмунӣ дар мувофиқа бо кумитаи тадорукот меъёри баҳогузориро пеш аз санҷиши кори иҷронамудаи донишҷӯён вобаста ба хусусияти фанҳои таълимӣ ва шакли саволномаҳо аз рӯи низоми 100-хола муайян менамояд.

27. Кумитаи тадорукот ҷойҳои ифтихориро вобаста ба холҳои бадастовардаи донишҷӯён аз рӯи низоми холгузорӣ барои ҷойҳои якум, дуюм ва сеюм аз 75 хол боло (барои се нафари аввал, ки холи баландро соҳиб мегарданд) ба инобат мегирад. Тақдими ифтихорнома барои иштироки фаъол ва нишон додани натиҷаҳои беҳтарин (барои ду нафари баъдӣ) мансуб дониста мешавад.

## 5. КОМИССИЯИ АППЕЛЯТСИОНӢ

28. Дар давоми рӯзҳои баргузории Озмун тибқи фармоиши вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон комиссияи аппелятсионӣ таъсис дода, раиси он таъин карда мешавад. Дар вақти набудани раис ваколатҳои ӯ ба уҳдаи муовини раис гузошта мешавад. Ба ҳайати комиссияи аппелятсионӣ аъзои комиссияи озмунии фаннӣ ҷалб карда мешаванд.

29. Аз рӯи натиҷаи пешакии Озмун донишҷӯ ҳуқуқ дорад ба комиссияи аппелятсионӣ ба таври расмӣ (хаттӣ) танҳо дар рӯзи барои фаъолияти кори комиссияи аппелятсионӣ ҷудошуда, яъне пеш аз ҷамъбасти кори кумитаи тадорукоти Озмун муроҷиат намояд.

30. Вақти қабули аризаҳои аппелятсионии донишҷӯён ва муҳлати баррасии онро комиссия баъд аз ҷамъбасти натиҷаҳои пешакӣ эълон менамояд. Муҳлати қабули аризаҳои аппелятсионӣ ду соат муқаррар мегардад.

31. Донишҷӯе, ки аз натиҷаи пешакии кори иҷронамудааш розӣ нест ё ба натиҷаи кораш шинос шудан мехоҳад, дар муҳлати муқаррaргардида ба комиссияи аппелятсионӣ ариза пешниҳод менамояд. Дар ин ҳолат ӯ бояд бо худ ҳуҷҷати тасдиққунандаи шахсият – шиноснома ва ё шаҳодатномаи донишҷӯӣ дошта бошад.

32. Дахолати омӯзгорони фаннӣ, роҳбари донишҷӯён, инчунин дигар иштирокдорон дар кори Озмун ва фаъолияти комиссияи аппелятсионӣ манъ аст.

33. Баъди баррасии аризаҳои аппелятсионӣ қарори дахлдори комиссияи аппелятсионӣ оид ба натиҷаи холҳои бадастоварда қабул карда мешавад. Дар мавриди ба миён омадани зарурати тағйир додани холи донишҷӯ қарори комиссияи аппелятсионӣ нисбати ӯ ба инобат гирифта мешавад.

## 6. ТАРТИБИ ҶАМЪБАСТИ ДАВРИ СЕЮМИ ОЗМУН

34. Кумитаи тадорукот хулосаи фаъолияти комиссияи аппелятсиониро оид ба ворид намудани тағйирот ба натиҷаи пешакии донишҷӯён ба инобат гирифта, даври сеюми озмунро натиҷагирӣ менамояд.

35. Донишҷӯёне, ки дар озмуни фанҳои алоҳидаи таълимӣ сазовори ҷойҳои якум, дуюм ва сеюм мешаванд, бо медал ва «Диплом»-и дараҷаи якум, «Диплом»-и дараҷаи дуюм, «Диплом»-и дараҷаи сеюми Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва туҳфаи хотиравӣ қадр карда мешаванд.

36. Комиссияи тадорукот баъди натиҷагирии пурра аз баргузории Озмун аз рӯи ҷойҳои бадастовардаи даставӣ ва теъдоди ҷойҳои ифтихорӣ мақоми муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳуриро вобаста ба ҷойҳои пешбинишуда дар маросими ҷамъбастӣ эълон менамояд.

37. Ҳисобот дар бораи натиҷаи даври ҷамъбастии Озмун дар ҷамъомади кумитаи тадорукот мавриди муҳокима қарор ёфта, барои баррасӣ ба Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод мегардад.

## 7. ТАЪМИНОТИ МОЛИЯВИИ ОЗМУН

38. Хароҷоти даврҳои якуму дуюм ва ба даври сеюми Озмун сафарбар гардидани донишҷӯён аз ҳисоби муассисаи таълимӣ пардохта мешавад.

39. Харҷномаи даврҳои якум, дуюм ва сеюми озмунро ректор (директор)-и муассисаи таълимӣ тибқи фармоиш тасдиқ менамояд.

40. Харҷномаи маблағи лавозимоти идорӣ, туҳфаҳои хотиравӣ ва дигар хароҷоти ба он вобаста бо фармоиши вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад.

41. Ба харҷномаи даври сеюми Озмун, ки аз ҷониби Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон пардохта мешавад, харҷи ҷамъомадҳои ифтитоҳӣ ва ҷамъбастии Озмун, таъминот бо лавозимоти идорӣ, тайёр намудани туҳфаҳо, тарғиб ва ташкили чорабиниҳои маданӣ - фарҳангӣ, ҳавасмандгардонии донишҷӯёни ғолиби Озмун дохил мешаванд.

## 8. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

42. Дар сурати риоя накардани талаботи Тартиби мазкур тибқи муқаррароти қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба шахсони масъул чораи дахлдори ҳуқуқӣ андешида мешавад.

РАСПОРЯЖЕНИЕ
МИНИСТРА ОБРАЗОВАНИЯ И НАУКИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

от « 25 » апреля 2022 года №522 г.Душанбе

О Порядке проведения республиканского конкурса (олимпиады) студентов высших профессиональных учебных заведений Республики Таджикистан
170.040.060.

В соответствии с двадцать девятым абзацем пункта 8 Положения Министерства образования и науки Республики Таджикистан, утвержденного постановлением Правительства Республики Таджикистан от 3 марта 2014 года, №145 и десятым абзацем пункта 160 Типового положения об образовательном учреждении высшего профессионального образования Республики Таджикистан, утверждённого постановлением Правительства Республики Таджикистан от 21 июня 2018 года, №306,
РАСПОРЯЖАЮСЬ:

1. Утвердить Порядок проведения республиканского конкурса (олимпиады) студентов высших профессиональных учебных заведений Республики Таджикистан (прилагается).
2. Настоящее распоряжение представить в Министерство юстиции Республики Таджикистан для государственной регистрации и ввести в действие после регистрации и официального опубликования.
3. Управлению высшего профессионального и последипломного образования довести до сведения всех руководителей высших учебных заведений Порядок проведения республиканского конкурса (олимпиады) среди студентов высших учебных заведений Республики Таджикистан и осуществить контроль за его выполнением.
4. Ректорам (директорам) высших учебных заведений осуществить порядок проведения республиканского конкурса (олимпиады) для студентов высших учебных заведений Республики Таджикистан в соответствии с настоящим порядком.
5. Контроль за исполнением настоящего распоряжения возложить на заместителя министра образования и науки Республики Таджикистан – куратора отрасли.

Министр Рахим Саидзода

Приложение
к распоряжению министра
образования и науки
Республики Таджикистан
от « 25 » апреля 2022 года, №522

Министерство юстиции Республики Таджикистан зарегистрировано от 10 мая 2022 года, №1161.

# Порядок
## проведения республиканского конкурса (олимпиады) студентов высших профессиональных учебных заведений Республики Таджикистан

## 1. ОБЩИЕ ПОЛОЖЕНИЯ

1. Порядок проведения республиканского конкурса (олимпиады) студентов высших учебных заведений Республики Таджикистан (далее - Порядок) был подготовлен и принят в соответствии с двадцать девятым абзацом пункта 8 Положения Министерства образования и науки Республики Таджикистан, утвержденным постановлением Правительства Республики Таджикистан от 3 марта 2014 года, №145, установлен порядок проведения республиканского конкурса (олимпиады) на уровне высшего профессионального образования (далее - Конкурс).

2. Конкурс проводится по направлениям учебных предметов, изучение которых осуществляется в высших учебных заведениях на основе следующих учебных планов:

1) дисциплины гуманитарного и социально-экономического направления:
   -таджикский язык и литература;
   -английский язык;
   -русский язык;
   -история таджикского народа;
   -философия;
   -политология;
   -общая педагогика;
   -теория экономики;

2) дисциплины направления естествознания и математики:
   -математика;
   -физика;
   -химия;
   -информатика;
   -биология и экология;
   -экономическая география Таджикистана на основе демографии.

3. Конкурс проводится в целях определения энциклопедических знаний по предмету, путей совершенствования учебного процесса, совершенствования самостоятельной исследовательской деятельности студентов, подготовки высококвалифицированных специалистов,

отвечающих требованиям рынка труда, развития творческих способностей и активизации процесса обучения студентов из разных регионов страны.

4. Конкурс по учебным дисциплинам в области гуманитарных, экономических и социальных наук, естествознания и математики среди студентов, перечень которых вносится учебным заведением в Министерство образования и науки Республики Таджикистан на утверждение.

5. Конкурс проводится в течение учебного года в три тура: первый тур на факультете (среди студентов), второй тур в высшем учебном заведении (среди студентов факультетов высшего учебного заведения) и третий тур (республиканского) среди победителей второго тура высшего профессионального образования. Место проведения определяется Министерством образования и науки Республики Таджикистан.

6. Студенты очной формы обучения могут участвовать в олимпиаде в соответствии с направлениями различных специальностей высших учебных заведений страны, независимо от ведомственной принадлежности.

7. Участие студентов в конкурсе свободное и могут участвовать по специальности или не по специальности.

8. Первый тур проводится среди студентов факультета (вне зависимости от курса) в декабре - январе, второй тур среди факультетов (среди студентов факультетов учебного заведения) проводится с февраля по март.

9. Организация и проведение первого и второго туров и подготовка учебно-методических и научных материалов по конкурсным дисциплинам возлагается на руководство образовательного учреждения. Ответственные лица этого тура официально представят в оргкомитет третьего тура список победителей второго тура в Министерство образования и науки Республики Таджикистан до первой половины мая.

10. Высшие учебные заведения на третий тур по вышеуказанным дисциплинам вправе выдвигать только одного обучающегося (с указанием имени, фамилии и отчества, курса, специальности).

11. Участие студента в Конкурсе осуществляется в строгом соответствии с предъявлением документа, удостоверяющего личность или студенческого билета.

12. Допуск студентов к третьему туру Конкурса осуществляется до начала его работы.

13. Итоги третьего тура Конкурса рассматриваются предметной комиссией и представляются в оргкомитет.

## 2. ОРГАНИЗАЦИОННЫЙ КОМИТЕТ

14. Организация и проведение третьего тура возлагается на оргкомитет Конкурса. Оргкомитет создается из числа сотрудников Министерства образования и науки Республики Таджикистан и высших учебных заведений на основании распоряжение министра образования и науки Республики Таджикистан.

15. При оргкомитете создается организационно-контрольная, методическая и апелляционная комиссия.

16. Организационно-контрольная комиссия оргкомитета рассматривает следующие вопросы:

- обеспечение выполнения положений настоящего Порядка;
- утверждение тестовых вопросов, текстов и других необходимых материалов по перечню предметов, используемых в третьем туре Конкурса;
- разработка плана, программы и сценария третьего тура Конкурса;
- за месяц до места и времени проведения третьего тура Конкурса уведомить высшие учебные заведения Республики Таджикистан;
- меры по обеспечению участников третьего тура Конкурса местом для сна, отдыха и путешествий по согласованию с лицом, ответственным за мероприятие;
- встречи и творческие вечера с известными поэтами, писателями и известными учеными страны;
- контроль над ходом третьего тура Конкурса;
- оформление «Дипломов» первой, второй и третьей степеней Министерства образования и науки Республики Таджикистан, благодарственных писем и сувениров победителям;
- анализ и подведение итогов отчета предметной комиссии;
- подготовка проекта распоряжение министра образования и науки Республики Таджикистан об итогах третьего тура Конкурса и контроль за его выполнением.

17. Методические комиссии формируются в зависимости от конкурсных учебных дисциплин. Члены методической комиссии формируются из специалистов Министерства образования и науки, опытных преподавателей вузов или образовательных, научных и исследовательских учреждений. Методическая комиссия готовит конкурсные материалы по широкому кругу предметов, учебных планов и программ в различных формах (или по специальной программе) с количеством вопросов более 500 и поддерживает режим конфиденциальности и информационной безопасности.

18. Методическая комиссия вправе ежегодно вносить изменения в конкурсные материалы по учебным дисциплинам до 25% и передавать их в Национальный центр тестирования при Президенте Республики Таджикистан для обработки.

19. Конкурс проводится с использованием информационных технологий (компьютер) или в письменной форме.

## 3. ПОРЯДОК ОРГАНИЗАЦИИ И ПРОВЕДЕНИЯ ТРЕТЬЕГО ТУРА

20. Состав конкурсной комиссии третьего тура конкурса определяется Министерством образования и науки Республики Таджикистан по согласованию с высшими учебными заведениями.

21. Вопросники разрабатываются Национальным центром тестирования при Президенте Республики Таджикистан на основе материалов, подготовленных методической комиссией по конкурсным образовательным предметам, и представлены в нескольких вариантах.

22. Подготовка материалов к третьему туру Конкурса в соответствии с требованиями Национального центра тестирования проводится на

таджикском и русском языках, за исключением русского и английского языков, которые подготовлены на соответствующем языке.

23. Для предметов иностранного языка, в том числе английского, Конкурс может проводиться через тестовые программы TOEFL, LETS, CEFR, TOFIC и др.

24. В соответствии с установленным порядком студентам дается определенное количество времени на выполнение заданий (до трех (3) часов на заполнение анкеты и написание эссе). В остальных случаях время определяется организационной комиссией. Ответственность за порядок приема, подачи и кодирования анкет, сочинение (эссе) возлагается на ответственных членов оргкомитета и его членов.

25. Комиссия по предметному конкурсу объективно проверяет результаты выполненной студентами работы и представляет результаты в виде оценочной формы, подписанной ответственным предметным экспертом в оргкомитет.

## 4. НОРМЫ ВЫСТАВЛЕНИЯ ОЦЕНОК И ПОРЯДОК УСТАНОВЛЕНИЯ ПРИЗОВЫХ МЕСТ

26. Конкурсная комиссия по согласованию с оргкомитетом определяет критерии оценки работы студентов в зависимости от характера предмета и формы анкет по 100-балльной шкале.

27. Оргкомитет принимает во внимание почетные места в баллах студентов по системе выставления оценок за первое, второе и третье места выше 75 баллов (для первых трех человек с наибольшим количеством баллов). За активное участие и демонстрацию лучших результатов (следующих двух участников) вручаются почетные грамоты.

## 5. АППЕЛЯЦИОННАЯ КОМИССИЯ

28. При проведении Конкурса распоряжение министра образования и науки Республики Таджикистан создается апелляционная комиссия и назначается ее председатель. В случае отсутствия председателя его полномочия возлагаются на заместителя председателя. В состав предметной апелляционной комиссии входят председатель и члены комиссии.

29. По предварительным результатам Конкурса студент имеет право обратиться в апелляционную комиссию официально (письменно) только в день, отведенный для работы апелляционной комиссии, то есть до завершения работы оргкомитета конкурса.

30. Оргкомитет объявляет время приема обращений студентов и срок их рассмотрения после подведения предварительных результатов. Срок подачи апелляций – два часа.

31. Студент, не согласный с предварительными результатами своей работы или желающий ознакомиться с результатами своей работы, в установленный срок подает заявление в апелляционную комиссию. В этом случае у него должен быть документ, удостоверяющий его личность, паспорт или студенческий билет.

32. Вмешательство учителей - предметников, руководителей, а также других участников в работу Конкурса и апелляционной комиссии запрещается.

33. После рассмотрения апелляции по результатам набранных баллов принимается соответствующее решение апелляционной комиссии. Если возникает необходимость изменить оценку студента, принимается во внимание решение апелляционной комиссии.

## 6. ПОРЯДОК ПОДВЕДЕНИЯ ИТОГОВ ТРЕТЬЕГО РАУНДА

34. Оргкомитет с учетом работы апелляционной комиссии по внесению изменений в предварительные результаты студентов третьего тура Конкурса будут подведены и принимаются во внимании.

35. Студенты, занявшие первые, вторые и третьи места в конкурсе по отдельным дисциплинам, награждаются медалями и «Дипломом» первой степени, «Дипломом» второй степени, «Дипломом» Министерства образования и науки Республики Таджикистан и памятными подарками.

36. По завершении Конкурса оргкомитет объявляет статус вуза страны в заключительной церемонии по командным местам и количеству почетных мест в зависимости от предоставленных мест.

37. Отчет об итогах третьего тура Конкурса будет обсужден на заседании оргкомитета и передан на рассмотрение в Министерство образования и науки Республики Таджикистан.

## 7. ФИНАНСОВАЯ ПОДДЕРЖКА КОНКУРСА

38. Расходы на первый, второй и третий туры Конкурса оплачиваются образовательными учреждениями. Бюджет первого, второго и третьего туров Конкурса утверждается ректором (директором) образовательного учреждения.

39. Расходы на первый, второй и третий туры Конкурса утверждаются ректором (директором) образовательного учреждения.

40. Расходы на канцелярские товары, сувениры и другие расходы, связанные с ними, утверждаются распоряжение министра образования и науки Республики Таджикистан.

41. В бюджет третьего тура Конкурса, входит оплачиваемый Министерством образования и науки Республики Таджикистан, также включены расходы на открытие и закрытие Конкурса, поставку канцелярских принадлежностей, подготовку подарков, продвижение и организацию культурных мероприятий, мотивацию победителей Конкурса.

## 8. ЗАКЛЮЧИТЕЛЬНЫЕ ПОЛОЖЕНИЯ

42. В случае несоблюдения требований настоящего Порядка в отношении ответственных лиц принимаются соответствующие правовые меры в соответствии с законодательством Республики Таджикистан.